**ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1
Тел: +992 37 235 35 66, Факс: +992 37 236 03 04
E-mail: info@mewr.tj, Web: www.mewr.tj

аз «03» 04 соли 2024 № 19

ба №____ аз «___» ________ соли 20__

# ФАРМОИШ

«Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024

Бо мақсади иҷрои банди 1 Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, № АП-533 тасдиқ карда шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Гуруҳи кории доимоамалкунанда ҷиҳати пешбурди корҳои доимӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва ҳайати он тасдиқ карда шавад (замимаи 1).
2. Гуруҳи корӣ дар фаъолияти худ намояндагони мақомоти давлатӣ, ходимони илм, маориф, фарҳанг ва ташкилотҳои дигарро ҷалб намояд.
3. Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 тасдиқ карда шавад (замимаи 2).
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Вазир Далер Ҷумъа

Замимаи 1
бо фармоиши Вазири
энергетика ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 марти соли 2024, №19
тасдиқ карда шудааст

Ҳайати
Гурӯҳи кории доимоамалкунанда ҷиҳати пешбурди корҳои доимӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Роҳбари гурӯҳи корӣ – Муовини Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳаи иқтисодӣ);

Аъзои гурӯҳи корӣ;

2. Роҳбарони хадамотҳои зертобеъ ва корхонаю муасиссаҳои системаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Сардори Сарраёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об;
4. Сардори Раёсати иқтисод ва дурнамо;
5. Сардори Раёсати электроэнергетика;
6. Сардори Раёсати захираҳои об;
7. Сардори Раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафу газ;
8. Сардори Раёсати корҳо;
9. Сардори Раёсати ҳуқуқ;
10. Сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ;
11. Сардори Шӯъбаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибавӣ;
12. Сардори Бахши иҷозатномадиҳӣ;
13. Сардори Бахши Котибот;
14. Сардори Бахши кадрҳо ва корҳои махсус.

Замимаи 2
бо фармоиши Вазири
энергетика ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 марти соли 2024, №19
тасдиқ карда шудааст

Нақшаи
чорабиниҳои дохилиидоравии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Мӯҳлат | Иҷрокунанда |
|---|---|---|---|
| 1. ЧОРАБИНИҲОИ ТАШКИЛӢ | | | |
| 1\3 | Ҷойгир кардани рамзи «Соли маърифати ҳуқуқӣ – 2024» дар биноҳҳои вазорат ва зерсохторон | то 18 апрел | Раёсати корҳо, Роҳбарони корхонаҳои зертобеъ |
| 2/4 | Омода кардани матни шиору овезаҳо ва маводи дигар вобаста ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ», эълон гардидани соли 2024 ва ҷойгир кардани онҳо дар биноҳои вазорат ва зерсохторҳои он | то 18 апрел | Раёсати корҳо, Роҳбарони корхонаҳои зертобеъ |
| 2. ЧОРАБИНИҲОИ ТАРҒИБОТИВУ ТАШВИҚОТӢ | | | |
| 3/5 | Тарғибу ташвиқи васеи меъёрҳои Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар тавассути ташкил ва баргузор намудани семинар, мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои дигари оммавӣ | мунтазам | Раёсати ҳуқуқ, Бахши кадрҳо ва корҳои махсус |
| 4/6 | Ташкили барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ҷиҳати паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ бо иштироки фаъоли ходимони илм, | мунтазам | Раёсати электроэнергетика, Раёсати захираҳои об, Раёсати нафту газ, Раёсати ҳуқуқ, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҳуқуқшиносон ва намояндагони мақомоти марбута | | Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ |
| 5/7 | Таъмини инъикоси чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва радиои давлатӣ | мунтазам | Раёсати электроэнергетика, Раёсати захираҳои об, Раёсати нафту газ, Раёсати ҳуқуқ, Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ |
| 6/8 | Дар доираи нақшаи чорабиниҳои дохилӣ ва умумисоҳавӣ ба роҳ мондани корҳои амалӣ вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон аз рӯйи масъалаҳои мухталифи ҳуқуқӣ | мунтазам | Раёсати ҳуқуқ |
| 7/11 | Иштироки кормандони Вазорат дар Форуми даҳуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Тоҷикистон Бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 | ноябр | Бахши кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати ҳуқуқ |
| 8/12 | Иштироки кормандони Вазорат дар маҳфилҳои ҳуқуқӣ, форумҳои ҳуқуқшиносони ҷавон ва чорабиниҳои дигар ба муносибати Рӯзи ҳуқуқи инсон | ноябр-декабр | Бахши кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати ҳуқуқ |
| 3. ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ЧОРАБИНИҲОИ ИЛМИЮ ОММАВӢ | | | |
| 9/13 | Нашри мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ дар маҷаллаҳо, рӯзномаҳо ва | мунтазам | Раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | воситаҳои ахбори оммаи дигар бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 | | техника,<br>Раёсати электроэнергетика,<br>Раёсати нафт ва газ,<br>Раёсати захираҳои об,<br>Раёсати ҳуқуқ |
| 10/15 | Таъмини иштироки кормандони Вазорат дар Конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Конститутсия кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» | сентябр | Бахши кадрҳо ва корҳои махсус |
| **4. ЧОРАБИНИҲОИ АМАЛӢ** | | | |
| 11/21 | Омода намудан ва тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ пахш намудани барномаи мобилӣ барои наврасон, филмҳои ҳуҷҷатӣ, мустанад, видеороликҳо, намоишҳои тарбиявӣ ва тарғиботиву ташвиқотии дигар бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 | июл | Хадамотҳо |
| 12/23 | Иштироки кормандон дар чорабиниҳои муштарак дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | мунтазам | Раёсати ҳуқуқ<br>Хадамотҳо |
| 13/24 | Омода ва тавассути ширкатҳои мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳо паҳн намудани паёмакҳои кутоҳ, навору видеороликҳо бо ҷалби намояндагони фаъоли | мунтазам | Хадамотҳо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | шабакаҳои иҷтимоӣ бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 | | |
| 14/25 | Бо истифода аз сомонаи Вазорат, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ ва видеороликҳо бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 | мунтазам | Бахши котибот |

Дар доираи татбиқи банди 7 масъулини иҷроро зарур аст шарҳу тавзеҳи муфассали ҳуқуқии муқаррароти моддаи 1 Конститутсия, тағйирнопазир будани он, уҳдадориҳои конститутсионӣ, аз ҷумла хизмати ҳарбӣ, риояи қатъии қонунҳои миллӣ, моҳияти кирдорҳои ҷиноятӣ ва барои ҷомеа хатарнок будани онҳо, бахусус ҷиноятҳои марбут ба терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, таълимоти ғайрирасмии динӣ, фаъолияти ғайрирасмии ташкилотҳои динӣ ва паҳн кардани маводи хусусияти ифротии динидоштаро ба самъи кормандон расонанд.